# 106566 - Оё барои муҳрим ҷоиз аст, ки худро бо соябон (шамсия, чатр) соя кунад?

**савол**

Ҳукми истифода бурдани соябон барои муҳрим чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бардоштани соябон дар болои сар барои ҳимояи худ аз гармии офтоб ҳеҷ боке ва ишколе надорад. Ва ин дар наҳйи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз пӯшонидани сар – яъне сари мардон – ворид нест, зеро пӯшонидан ҳисобида намешавад, балки соя кардан аз офтобу гармӣ мебошад.

Дар "Саҳиҳ"-и Муслим собит шудааст, ки Усома ибни Зайд ва Билол ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буданд. Яке аз онон маҳори шутури паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро гирифта буд ва дигаре либосеро боло карда, ӯро аз гармӣ мепӯшонид, то он даме ки ӯ ба ҷамараи Ақаба санг партофт.

Дар ривояти дигар омадааст: **«Дигаре либоси худро дар болои сари расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бардошта буд, то ӯро аз гармии офтоб нигаҳ дорад».**

Ин далолат мекунад, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳоли эҳром ва пеш аз хориҷ шудан аз он, худро дар зери ин либос соя кард". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/ 147, 148).